# ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

“Таҷрибаи таъминоти иттилоотӣ ва кадрии раванди арзёбии татбиқи стратегияҳои (барномаҳои) рушди соҳавӣ – дар мисоли бахши энергетика”

**МАНУЧЕҲР** Халифаев

# НИЗОМНОМАИ
## Раёсати иктисод ва дурнамои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Íèçîìíîìàè Ðàÿñàò.pdf

ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА
ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734064, ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1
Тел: +992 37 235 35 54, Факс: +992 37 235 35 66
E-mail: mewr@mewr.tj, Web: www.mewr.tj

ФАРМОИШ

№ 194 аз «12» декабри соли 2019. ш. Душанбе

«Дар бораи тасдиқ намудани
Низомнома ва дастурамалҳои
мансабӣ»

Дар асоси банди 9 Низомномаи Вазорат, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 марти соли 2014, №149 тасдиқ гардидааст,

Ф а р о м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Низомномаи раёсати иқтисод ва дурнамо ва дастурамалҳои мансабии сардори раёсат, сармутахассис, мутахассиси пешбар ва мутахассис тасдиқ карда шаванд.
2. Бахши кадрҳо ва корҳои махсус нусхаи Низомнома ва дастурамалҳои мазкурро бо гирифтани дастхат ба кормандони раёсат супорад.
3. Назорати иҷроиши фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегирам.

Вазир У. Усмонзода

**Вазифа ва уҳдадориҳо Раёсат (амалкунанда)**

- иштирок дар раванди омода намудани лоиҳаи стратегияву барномаҳои соҳавӣ ва сатҳи миллӣ;
- таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ дар соҳаҳои энергетика, захираҳои об ва нафту газ;
- омода намудани дархостҳои буҷетии дастгоҳи марказӣ ва корхонаю муассисаҳои зертобеи Вазорат;
- гузаронидани таҳлили иҷрои нишондиҳандаҳои фаъолият ва ҳолати молиявию иқтисодии корхонаҳои соҳавӣ;
- ҳар се моҳ омода ва ба ҲҶТ ва Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод намудани ахбороти муфассал оид ба натиҷаҳои фаъолияти корхонаю муассисаҳои соҳа ва стратегияву барномаҳои соҳавӣ ва сатҳи миллӣ;
- омода ва пешниҳоди маълумот ба ҲҶТ ва Вазорати молия оид ба рафти иҷрои Буҷети давлатӣ ва ғайраҳо.

# Таъминоти иттилоотӣ раванди арзёбии татбиқи стратегияҳои (барномаҳои) рушди соҳавӣ

## Раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва корхонаю муассисаҳои системаи Вазорат

- иҷрои нишондиҳандаҳои соҳа дар давраи ҳисоботӣ (нақша дар соли ҳисоботӣ, дар асл иҷрошуда, фоизи иҷроиш нисбат ба нақша, иҷроиш ва суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта) **то 5 – уми моҳи пас аз ҳар семоҳаи ҳисоботӣ.**
- азхудкунии маблағҳои буҷетӣ ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ аз ҷумла, пардохти музди меҳнат, андозҳо ва дигар уҳдадориҳои ҳатмӣ.

## Агетии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**То 7 – уми моҳи пас аз ҳар моҳи ҳисоботӣ:**

- истеҳсоли маҳсулот дар корхонаю муассисаҳои системаи Вазорати энергетика ва захираҳои об;
- арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда соли ҷорӣ.

Маълумотҳои дастрасшуда муқоиса/таҳлил карда шуда, омилҳо ва мушкилотҳои ҷойдошта ошкор гардида оид ба нишондодҳои воқеии иҷрогардида дар давраи ҳисоботӣ, ахбороти мухтасари таҳлилӣ омода то 12 – уми моҳи пас аз ҳар семоҳаи ҳисоботӣ ба ҲҶТ ва взоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо пешниҳод карда мешавад.

# Пешниҳодҳо
## барои боз ҳам беҳтар намудани фаъолият дар самти мониторинг ва арзёбӣ
*барои вориднамудан ба қисмати вазифаҳо ва уҳдадориҳои Раёсат дар низомнома):*

- гузаронидани арзёбии иқтидорҳо, захираву имкониятҳо бо баинобат гирифтани омилҳо ва хавфҳои дохилию берунии ба рушди соҳа таъсиррасонанда барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои стратегияву барномаҳои соҳавӣ ва сатҳи миллӣ;
- нишон додани пешравиҳои соҳа дар самти ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда дар доираи стратегияву барномаҳои соҳавӣ ва сатҳи миллӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар иштирокдорони низоми мониторинг ва арзёбӣ, аз ҷумла раёсату шуъбаҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ ва корхонаю муассисаҳои зертобеъ;
- иштирок дар омодасозии ҳисобот оид ба мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ;
- омода намудани таклифу пешниҳодҳо ҷиҳати такмилдиҳӣ/тасҳеҳӣ/бозбинии минбаъдаи индикаторҳо ва чорабиниҳои банақшагирифташудаи барномаҳои соҳавӣ ва самтҳои соҳавии стратегияҳо ва барномаҳои сатҳи миллӣ;
- паҳн намудани маълумот дар бораи натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ.

# ҲУҚУҚҲОИ сармутахассис – шахси ваколатдор оид ба мониторинг ва арзёбӣ:

Бо фармоиши
Вазири энергетика ва захираҳои
оби Ҷумҳурии Тоҷикистон
№194 аз «12» декабр соли 2019
тасдиқ карда шудааст.

**Дастурамали**
**вазифавии сармутахассиси Раёсати иқтисод ва дурнамои**
**Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**1. Муқарраротн умумӣ**

1. Номи мансаб – Сармутахассиси Раёсати иқтисод ва дурнамои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Дастурамали мазкур ухдадориҳои ҳуқуқии сармутахассиси Раёсати иқтисод ва дурнамои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Вазорат), ки барои таҳия ва татбиқи масъалаҳои иқтисодӣ мебошад, муайян менамояд.

3. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи панҷум мансуб аст.

4. Сармутахассиси Раёсати иқтисод ва дурнамои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Вазорат) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

5. Дар фаъолияти кории худи мутахассис Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Вазорат, низомномаи Раёсат ва дастурамали вазифавии мазкурро риоя менамояд.

4. Äàñòóðàìàëè âàçèôàâè ñàðìóòàõàññèñ.pdf

ДАСТУРАМАЛИ
вазифавии сармутахассиси Раёсати иқтисод ва дурнамои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар қисмати ҳуқуқҳои сармутахассис дар дастурамали мансабӣ ваколатҳои зерин ворид карда шавад:**

Вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои мансабии худ сармутахассис – шахси ваколатдор оид ба мониторинг ва арзёбӣ, ҳуқуқҳои зеринро ба зимма дорад:

- иттилоот ва маводи барои иҷрои ваколат ва уҳдадориҳои мансабиаш дар самти мониторинг ва арзёбӣ заруриро бо тартиби муқараргардида аз раёсату шуъбаҳои даҳдори дастгоҳи марказӣ ва корхонаю муассисаҳои зертобеъ талаб карда гирад;
- дар доираи вакаолатҳои худ дар омодасозии ҳисобот оид ба мониторинг ва арзёбии стратегияву барномаҳои соҳавӣ ва сатҳи миллӣ иштирок намуда, иҷрои қарорҳои қабулшударо аз сохторҳои масъул талаб намояд.

# УҲДАДОРИҲОИ МАНСАБИИ САРМУТАХАССИСИ РАЁСАТ – шахси ваколатдор оид ба мониторинг ва арзёбӣ

Сармутахассиси Раёсат – шахси ваколатдор оид ба мониторинг ва арзёбӣ дар доираи салоҳияти Раёсат уҳдадориҳои зеринро ба зимма дорад:

- маълумотҳои зарурирo барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии раванди амалишавии индикаторҳо ва чорабиниҳои банақшагирифташудаи барномаҳои соҳавӣ ва самтҳои соҳавии стратегияҳо ва барномаҳои сатҳи миллӣ ҷамъоварӣ менамояд;
- ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташудаи соҳа ва самаранокии натиҷаҳои бадастомадаро дар доираи захираҳои сарфшуда арзёбӣ менамояд;
- ҷиҳати амалисозии саривақти ва босифати стратегияю барномаҳои соҳавӣ ва самтҳои соҳавии стратегияҳо ва барномаҳои сатҳи миллӣ, тарафҳои устувор (барои пурзӯр кардан) ва камбудиҳоро (барои аз байн бурдан) ошкор намуда, роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои ошкоршударо дарёфт ва пешниҳод менамояд;
- аз натиҷаи арзёбиҳои гузаронидашуда маводҳои таҳлилӣ омода ва паҳн менамояд;
- таклифу пешниҳодҳо асоснокро оид ба такмилдиҳӣ/тасҳеҳӣ/бозбинии минбаъдаи индикаторҳо ва чорабиниҳои банақшагирифташудаи барномаҳои соҳавӣ ва самтҳои соҳавии стратегияҳо ва барномаҳои сатҳи миллӣ омода ва пешниҳод менамояд.

**БАРОИ ТАВАҶҶУҲАТОН ТАШАККУР!!**